# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)”, ки бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ пешниҳод шудааст.

1. Мавзуи диссертатсионии Музафарзода Ф., ки таҳқиқи ҳимояи манфиатҳои миллиро дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ дар бар мегирад, дар шароити кунунӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб мeёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва муайян кардани самтҳои асосии ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарёфти роҳу воситаҳои такмили онҳо мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба раванди таҳким ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ мусоидат менамоя. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни тадқиқот бо шиносномаи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

5. Дар тадқиқоти диссертатсионии Музафарзода Ф., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Музафарзода Ф., маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Музафарзода Ф. дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ дар Шурои дессертатсионии 6D.КОА-001–и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович.
- доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ Амиров Толиб Шарифович.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои
сотсиология, профессор — Шоисматуллоев Ш.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа — Маҳмадизода Н.Д.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Азиззода У.